**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ).**

*15 марти соли 2025* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Фақеров Ҳ.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Нидоев Н.Ф., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – узви комиссия; Раҷабов Р.К., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Алимова Муборак Алимҷоновна **хулосаи** зеринро қабул намуд:

***I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ***

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Алимова Муборак Алимҷоновна ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267), мувофиқат мекунад.

Алимова Муборак Алимҷоновна, 01 январи соли 1984 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2006 факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёти миллӣ хатм намудааст.

Солҳои 2006-2010 аспиранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Солҳои 2010-2012 мутахассиси пешбари шуъбаи иқтисодиёти Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Анзоб.

Аз соли 2012-2013 муовини сардори шуъбаи банақшагирии Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Анзоб.

Аз соли 2013-2014 сарнозири шуъбаи равобити хориҷии департаменти равобити хориҷӣ ва масоили иҷтимоӣ оид ба ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои байналмиллалӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ш. Душанбе.

Аз соли 2014-2016 саромӯзгори кафедраи маркетинги соҳавӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ш. Душанбе.

Аз соли 2016-2016 мутахассис оид ба лоиҳаҳо ва гранти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

Аз соли 2017-2019 корманди шуъбаи кор бо кӯдакони сарпараст дар Ташкилоти байналмилалии «Международное добрососедство», шаҳри Душанбе.

Аз соли 2019-2021 Директори Ташкилоти ҷамъиятии «Рушди босуботи Тоҷикистон», шаҳри Душанбе.

Аз соли 2021 то 2023 муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 2 - юми сентябри соли 2019, қарори №2 тасдиқ гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст.

Имтиҳонҳо аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5 (аъло), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва имтиҳони ихтисос бо баҳои 5 (аъло) супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 1 мақола дар маҷалаи илмии Scopus, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Роҳбари илмӣ: Рауфӣ Абдуғаффор доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Рушди бозори хизматҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», хулосаҳои зерин баровварда шуданд:

***II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ***

Диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Соҳаи хизматрасонӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Мукаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 18 кори илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 3 мақола дар алоҳидагӣ нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

***IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ***

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

***V. Комиссия пешниҳод менамояд:***

1. Диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ), ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муқаррризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Шамсов Илёсҷон Сафарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Сайдуллоев Умедҷон Ӯктамович – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи системаҳои бисёршабакавии телекоммуникатсионии Донишгоҳи давлатии Хӯҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.
- Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон карда шавад.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
4. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.
5. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Нидоев Н.Ф.

д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.

*Имзоҳои комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям.*

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ Машокиров Ҷ.Н.